ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ
МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА ОЗМОИШИ НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Бо қарори ҳайати Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2023, №26/27 тасдиқ шудааст.)

ДУШАНБЕ - 2023

МУНДАРИҶА

1. АСОСНОКИИ ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБӢ ........................................................................ 3 - 5
2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ ………………..……………………………….…….....5 -7
3. МУҚАРРАРОТИ НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10- ХОЛА, МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБӢ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАТБИҚИ ОН .................................... 7- 8
4. ҶАДВАЛИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН ........................... 8-9
5. ТАВЗЕҲОТИ ҶАДВАЛИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН ......... 9-11
6. ҶАДВАЛИ МЕЪЁРҲОИ НАМУНАВИИ АРЗЁБӢ (ШИФОҲӢ) -И САТҲИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 2-5 ........................................................................................ 12 -14
7. САВОЛНОМАҲОИ ТЕСТӢ ........................................................................ 14
8. ТАРТИБИ ҶАМЪБАСТ НАМУДАНИ НАТИҶАҲОИ БАҲОДИҲӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН ……............ 14 -17
9. ТАРТИБИ ҚАЙДҲО ДАР ЖУРНАЛИ СИНФӢ ВА РӮЗНОМАИ ХОНАНДА ………….....................................................................................17
10. ОМОДА КАРДАНИ ПАДАРУ МОДАРОН ВА ХОНАНДАГОН БА ҶОРӢ НАМУДАНИ НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10- ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБӢ ..........................................................................17-18

**АСОСНОКИИ**
**ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ БИСЁРХОЛАИ БАҲОГУЗОРӢ**

Санҷидан ва арзёбӣ кардани дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон дар раванди таълим яке аз муҳимтарин омилҳои рушди зеҳнӣ, бедор кардани шавқу рағбати кӯдакон барои фарогирии дониш ва аз ҷиҳати маънавӣ ҳавасманд гардонидани онҳо буда, яке аз воситаҳои самарабахши назорати падару модарон нисбати фаъолияти таълимии фарзандон мебошад. Маҳз тавассути баҳогузорӣ дониши хонанда арзёбӣ мегардад ва падару модарон ба воситаи он раванди донишазхудкунии фарзандонро назорат карда, бо омӯзгорон ва муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ менамоянд.

Дониши хонанда дар аксари кишварҳои олам бо роҳҳои гуногун санҷидаву арзёбӣ гардад ҳам, усули аз ҳама паҳншудаи он тавассути баҳогузории бисёрхола сурат мегирад. Дар ин росто, барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат ба Вазорати маориф ва илм дастур шудааст, ки барои ҳамоҳанг сохтани низоми таҳсилоти кишвар бо низоми маорифи мамлакатҳои рушдёфта тадбирҳои амалӣ андешад.

Вобаста ба ин дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти татбиқи ислоҳот дар соҳаи маориф баъзе корҳо ба анҷом расидаанд, ки онҳо барои рушди маориф ва низоми таълиму тарбия дар кишвар мусоидат карда, барои то андозае баланд гардидани сифати таҳсилот шароити заруриро фарҳам сохтанд. Ҳамчунин, раванди ислоҳоти мақсадноку босуботи соҳаи маориф, аз ҷумла дар самти таҷдиди назар ва таҳия намудани низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ва меъёрҳои арзёбии муосири дастовардҳои таълимию тарбиявии хонандагон бо назардошти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим пешбинӣ гардидааст, ки гузариш ба баҳогузории бисёрхола идомаи он аст.

Аз ин бармеояд, ки гузариш ба низоми баҳогузории бисёрхола яке аз масоили муҳимми стратегӣ дар самти татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор меравад.

Дар баробари ин, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар рӯзи якуми сентябр дар Донишгоҳи тиббии Хатлон чунин таъкид карданд: "*Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот вақти он расидааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад*".

Арзёбии дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути баҳогузории бисёрхола дар кишвари мо падидаи нав нест. Ин тарзи баҳогузорӣ ҳангоми дохилшавӣ ба

муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути супоридани имтиҳонҳои марказонидашудаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва зимни иштирок дар олимпиадаҳои гуногуни ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба тавассути баҳогузории бисёрхола амалӣ гашта истодааст.

Мушкилоти асосӣ он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ раванди фаъолияти таълимии хонанда тибқи талаботи стандарту барномаҳои таълимӣ ба воситаи баҳоҳои 1, 2, 3, 4, 5 бояд арзёбӣ гардад, вале имрӯз танҳо чор баҳо (2, 3, 4, 5) ба хонанда гузошта мешаваду халос. Баҳои 1-ро омӯзгорон намегузоранд. Ҳамчунин, дар байни 4 баҳо танҳо 3 баҳои он мусбат буда, яктои он (2) манфӣ аст. Бинобар ин, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таҳсилот барои такмили баҳогузории 5 хола баҳогузории 10-холаро дар асоси таҳлилу омӯзишҳои мутахассисон ба мақсад мувофиқ мешуморад.

Омӯзишу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин мушкилот боиси он шудааст, ки дониши хонанда ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намегардад. Ҳатто, ин навъи баҳогузорӣ баъзан боиси пайдо шудани норозигӣ дар байни хонандаву хонанда, хонандаву омӯзгор ва омӯзгору падару модарон гардида, ҳавасмандии хонандаро ба таҳсил аз ҷиҳати равонӣ то андозае коҳиш диҳад. Яке аз роҳҳои асосии ҳавасманд гардонидани хонандагон ин тавассути баҳогузории шаффоф, дақиқ ва воқеӣ арзёбӣ кардани дониш ва фаъолиятҳои таълимии хонандагон аст, ки ин муносибат барои рушди сифати таҳсилот, беҳтар гардидани касбияти омӯзгорон ва истеҳкоми робитаи падару модарон ба раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегардад. Муҳимтарин ҷанбаи баҳогузории нав ин ҷалби бештари хонандагон ба таҳсил ва фарогирии дониш буда, омили татбиқи адолати омӯзгор дар байни хонандагон ва мақоми ӯ дар низоми таҳсилот ва дар байни падару модарон мебошад.

Иқдоме, ки Вазорати маориф ва илм дар самти гузаронидани озмоиш дар 140 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати гузаштан ба низоми 10-холаи баҳогузорӣ пеш гирифтааст, дар заминаи омӯзишу таҳлилҳои солҳои қаблӣ бадастомада роҳандозӣ мегардад, ки ин идомаи ҳамон падидаҳои навест, ки дар ҷумҳурӣ дар самтиислоҳоти соҳаи маориф амалӣ гашта истодаанд. Низоми таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд бо ҳам иртибот дошта бошанд. Дар як зина як навъи баҳогузорӣ ва дар зинаи дигар навъи дигари арзёбии дониш боиси пеш омадани мушкилот дар низоми таҳсилот мегардад.

Чун Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид аст ва дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳму нақши худро мегузорад, низоми таҳсилоти худро ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ бояд ҳамоҳанг созад. Вобаста ба ин ҳамасола шумораи зиёди хонандагони кишвари мо

тавассути барнома ва бурсияҳои байналмилалӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар мераванд ва ҳангоми баробарарзиш кардани ҳуҷҷатҳои таълимии худ ба мушкилоти зиёде рӯбарӯ мегарданд.

Озмоише, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм барои гузаштан ба низоми баҳогузории 10-хола тавассути гурӯҳҳои корӣ дар 140 муассисаи таълимӣ роҳандозӣ мегардад, аз ҷониби мутахассисони соҳа ба таври амиқ мавриди таҳқиқ ва таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.

Вобаста ба ин, бо дастури роҳбарияти Вазорат меъёрҳои баҳогузорӣ ба дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон дар раванди таълим дар дастурамали алоҳида дарҷ гардидаанд, ки ин барои фаъолияти таълимии омӯзгорон ва арзёбии дониши хонандагон аз ҷониби онҳо раҳнамои муфиде хоҳад буд.

Моҳияти гузариш ба ин низоми арзёбиро натиҷаҳои озмоиш нишон хоҳад дод. Танҳо пас аз озмоиши воқеӣ ва пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои олимони соҳа, муҳаққиқон, мутахассисони мактабшинос, коршиносон, омӯзгорон, кормандони масъули соҳаи маориф, падару модарон, хонандагон ва афкори созандаи аҳли ҷомеа, ки дар раванди таълиму тарбия иштирок менамоянд, ин низом дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ хоҳад гашт.

Дастурамал ҳуҷҷати намунавӣ буда, ҳама пешниҳоду хулосаҳои асосноки олимон, коршиносон, мутахассисон, омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон оид ба такмили муқарраротИ он пазируфта мешаванд (дархосту пешниҳодҳоро метавонед ба суроғаи электронии **prmatt.tj** ирсол намоед).

## 1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАШУДА

1. **АРЗЁБӢ** – таҳлили дараҷаи мувофиқати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳияти хонанда ба талаботи муқарраргардидаи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълим ва мушаххас намудани мушкилоти асосии раванди таълиму омӯзиш ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли онҳо.
2. **АРЗЁБИИ ТАШХИСӢ** – муайян кардани сатҳи ибтидоии дониш, малака, маҳорат (салоҳиятҳо)-и хонанда дар оғози омӯзиши мавзуъ, фасл, бобҳои барномаҳои таълимӣ, чоряк, нимсола ва соли таҳсил.
3. **АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА** – раванди доимии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти сифатӣ оид ба сатҳи дарк, азхудкунии маводи таълимӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти таълимӣ ба ниёзи фардии хонанда барои баланд бардоштани дониш, рушди малака ва маҳорат.
4. **АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТӢ** – раванди муайян намудан ва мутобиқати сатҳи ниҳоии ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва ошкор намудани сатҳи қобилияти татбиқи донишҳои азхудкардаи хонанда дар амал.

5. **АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ МАРҲИЛАВӢ** – раванди муайян намудани натиҷаи сатҳи дониш, малака, маҳорат, қобилияти татбиқи донишҳои бадастовардаи хонанда дар амал дар охири омӯзиши мавзуъҳои калонҳаҷм, бобҳо, фаслҳои барномаҳои таълимӣ дар давоми ҳар як чоряк ва мутобиқати дараҷаи ташаккули дастовардҳои таълимии хонанда ба талаботи барномаи таълимӣ.

6. **АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ НИҲОӢ** - раванди муайян намудани сатҳи дониш, малакаю маҳорат, қобилияти татбиқи донишҳои бадастовардаи хонанда дар амал дар охири ҳар як чоряк, нимсола, солона ва мутобиқати дараҷаи ташаккули дастовардҳои таълимии ӯ ба талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ.

7. **АРЗЁБИИ ҶАМЪБАСТИИ АТТЕСТАТСИЯ** – раванди муайян намудани дараҷаи дониш, малакаю маҳорат ва мутобиқати сатҳи ташаккули дастовардҳои таълимии хонанда ба талаботи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва ошкор намудани сатҳи қобилияти татбиқи донишҳои азхудкардаи хонанда дар амал аз фанҳои ба аттестатсия пешниҳодшуда.

8. **АРЗЁБИИ ҶОРӢ** – раванди ҳаррӯзаи муайян намудани дараҷаи азхудкунии маводди таълимӣ ва маҳорати инфиродии иҷрои супоришҳои мустақилона (хонагӣ) ва дигар фаъолиятҳои амалӣ дар раванди дарс ва берун аз он.

9. **БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ** – ҳуҷҷате, ки дар он мазмуни фанни таълимӣ, мақсад ва вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу малака, маҳорат ва рушди салоҳиятҳои хонандагон инъикос ёфтаанд.

10. **БАҲО –** инъикоси миқдории нишондиҳандаи арзёбии сифатии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон.

11. **МЕЪЁРҲОИ МУВАФФАҚИЯТ** – барои муайян намудани раванд ва арзёбии кори хонандагон истифода бурда шуда, нишондиҳандаҳои онҳо барои аз як зина ба зинаи дигари ташаккул гузаштан ба таври фаҳмо, иҷрошаванда ва ба мақсади дарс мувофиқ пешниҳод карда мешаванд.

12. **МОНИТОРИНГ** – ҷузъи муҳимми идораи раванди таълиму тарбия буда, барои гирифтани маълумоти пурра ва воқеӣ дар бораи натиҷаи таълимии бадастовардаи хонандагон ва сифати таҳсилот гузаронида мешавад.

13. **НАТИҶАҲОИ АРЗЁБӢ** – таҳлили раванди таълим, ҳисобкунии холҳои арзёбӣ, муқоисакунӣ, гузариш аз як зинаи таҳсилот ба зинаи дигар, мониторинги самаранокии сифати таълим, тақсимоти захираҳои таълимӣ, арзёбии сифати барномаҳои таълимӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин пешниҳоди иттилоот дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

14. **РОБИТАИ МУТАҚОБИЛА** – пешниҳоди тақриз ва тавсияҳо ба корҳои хаттӣ ва шифоҳии хонандагон барои такмили самтҳои фаъолияти хонандагон, ислоҳ ва ворид кардани тағйирот мувофиқи тавсияҳои омӯзгор бо назардошти пешниҳоди вақт ва имконият.

15. **САВОЛГУЗОРӢ (САМАРАБАХШ)** – раванде, ки барои муайян намудани дараҷаи азхудкунии маводди таълимӣ ва ҳавасманд (водор) намудани хонандагон ба омӯзиши амиқи маводди таълимӣ ва пешниҳоди ҷавоб истифода бурда шуда, тавассути он сатҳи фаҳмиши хонандагон муайян карда мешавад.

16. **СИФАТИ ТАҲСИЛОТ** – маҷмуи равандҳои фаъолияти таълимӣ ва омодасозии таълимгирандагон мебошад, ки сатҳи мувофиқати онҳоро ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, талаботи фардии таълимгирандагону кордиҳандагон, ки фаъолияти таълимӣ ба манфиати онҳо равона шудааст, дарбар мегирад.

17. **СТАНДАРТИ ФАННӢ** – ҳуҷҷатест, ки мақсад, вазифа, сохтор, мазмуни асосии таҳсилоти фанни алоҳидаи таълимӣ, ҳаҷми сарбории таълимии ҳатмии барои омӯзиши он ҷудошуда ва маҷмуи талаботро ба ҳадди ҳатмии (ақали) сатҳи омодагии хонандагон дар ҳар як зинаи таҳсилоти умумӣ муайян менамояд.

18. **ХУДБАҲОДИҲӢ** – раванде, ки хонанда дараҷаи дониш, малака ва маҳорати худро дар асоси нишондиҳандаҳои муваффақият арзёбӣ карда, барои такмили минбаъдаи дониш, малака ва маҳорати худ нақша тартиб медиҳад ва роҳу усули мувофиқро барои расидан ба мақсад муайян менамояд.

## 2. МУҚАРРАРОТИ НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА, МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБӢ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАТБИҚИ ОН

Арзёбии натиҷаҳои таълимӣ ба навъҳои, ташхисӣ, ҷорӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ ҷудо мешавад.

19. Арзёбии ташхисӣ барои муайян кардани сатҳи ибтидоии дониш, малака ва маҳорати хонанда, ҷамъ овардани маълумот дар бораи қобилияти ӯ ва муайян кардани стратегияи таълим истифода бурда мешавад. Он дар оғози соли таҳсил, ё машғулияти аввали омӯзиши мавзуъҳои калонҳаҷм, фасл, бобҳои барномаҳои таълимӣ, ҳангоми аз як муассисаи таҳсилоти умумӣ ба муассисаи таҳсилоти умумии дигар гузаштани хонанда, иваз кардани синф ва омӯзгор гузаронида мешавад.

20. Арзёбии ҷорӣ барои муайян кардани дараҷаи пешравии инфиродии хонанда дар азхудкунии барномаи фаннӣ (мавазуъҳо, иҷрои вазифаи хонагӣ, дигар супоришҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, санҷишӣ, амалӣ, эҷодӣ, лоиҳавӣ ва ғайра) истифода бурда шуда, он метавонад арзёбии ташаккулдиҳанда бошад. Яъне арзёбии мазкур ҳамчун омили

кӯмакрасон ва роҳнамунсоз дар баланд бардоштаи саъйу кӯшишҳои хонанда, воридсозии ӯ ба фаъолияти арзёбии мустақилона мавқеи устувор дошта, барои муайян кардан, дарки мушкилоти мавҷудаи раванди омӯзиш ва дарёфти роҳҳои бартарафсозии он аз ҷониби омӯзгорон ва хонандагон мусоидат менамояд.

21. Арзёбии ташаккулдиҳанда раванди мақсадноки доимии мушоҳидаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ буда, барои ошкор кардани мушкилоти раванди азхудкунии маводи таълимии хонанда ва бартарафсозии он пешбинӣ мешавад.

22. Дар раванди арзёбии ташаккулдиҳанда стратегияи он (*мақсадгузорӣ, меъёрҳои муваффақият, саволдиҳии таъсиргузор, робитаи мутақобила ва худбаҳодиҳӣ*) ба таъмини фазои хуби таълимӣ равона карда мешавад.

23. Арзёбии ҷамъбастӣ раванди муайян намудан ва мутобиқати сатҳи ниҳоии ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва ошкор намудани сатҳи қобилияти татбиқи донишҳои азхудкардаи хонанда дар амал буда, дар охири омӯзиши бобҳо, фаслҳо, чоряк, нимсола, солона ва аттестатсия гузаронида мешавад.

24. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ тибқи талаботи барномаи таълимӣ ва тартиби муқарраргардида дар се шакл гузаронида мешаванд: арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ (пас аз омӯзиши боб, фаслҳои барномаҳои таълимӣ), арзёбии ҷамъбастии ниҳоӣ (ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои омӯзиш дар охири чорякҳо, нимсола, солона) ва арзёбии ҷамъбастии аттестстсия (пас аз супоридани аттестстсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм).

25. Арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ (натиҷаи санҷишҳои шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои лабораторӣ, амалӣ, тестӣ) дар охири омӯзиши мавзуъҳои калонҳаҷм, бобҳо, фаслҳои барномаҳои таълимӣ дар давоми ҳар як чоряк аз ҷониби омӯзгорони синфҳои II-XI тибқи талаботи барномаи таълимӣ ва тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

26. Арзёбии ҷамъбастии ниҳоӣ дар охири ҳар як чоряк, нимсола ва солона аз тарафи омӯзгорони фаннӣ дар синфҳои II-XI тибқи тартиби муқарраргардида (аз рӯйи ҳамаи холҳои бадастовардаи хонанда) ҷамъбаст карда мешавад.

27. Арзёбии аттестатсия дар синфҳои IV-XI дар охири сол дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи хонанда дар аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм тибқи тартиби муқарраргардида ҷамъбаст карда мешавад.

28 Арзёбии ҷамъбастии солона дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи хонанда дар давоми соли таҳсил, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм (синфҳои IV-XI ) тибқи тартиби муқарраргардида ҷамъбаст карда мешавад.

29. Арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ ва ниҳоӣ бо мақсади кам кардани сарбории хонандагон дар синфҳои 1 гузаронида намешавад.

30. Супоришҳои шифоҳӣ, хаттӣ, санҷишӣ, тестӣ, эҷодӣ, лоиҳаҳо ва ғайра ҳамчун воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян кардани дастовардҳои таълимии хонандагон истифода бурда мешаванд.

Ҷадвали 2

**4. ҶАДВАЛИ**
**БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН**

| **Низоми 10-хола** | **Муодили ҳарфии холҳо** | **Муодили фоизи ичрои супоришҳои таълимӣ** | **Дараҷаи холгузорӣ** | **Муодили вожагии холгузорӣ** | **Муодили баҳои анъанавӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | A⁺ | 91 - 100 | Аъло | Аъло | Аъло |
| 9 | A | 81 - 90 | | Олӣ | |
| 8 | B⁺ | 71 - 80 | Хуб | Хубтар | Хуб |
| 7 | B | 61 - 70 | | Хуб | |
| 6 | C⁺ | 51 - 60 | Миёна | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| 5 | C | 41 - 50 | | Кофӣ | |
| 4 | D | 31 - 40 | | Кам | |
| 3 | FX | 21 - 30 | Паст | Нокифоя | Ғайриқаноат-бахш |
| 2 | F | 11 - 20 | | Паст | |
| 1 | | 1 - 10 | | Пасттар | |

**5. ТАВЗЕҲОТИ**
**ҶАДВАЛИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН**

Агар ба ҷадвали баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон эътибор диҳем, мебинем, ки низоми баҳодиҳии 10-хола аз 4 дараҷаи баҳодиҳӣ (*олӣ, хуб, миёна ва паст*) ва 10 зина (*аъло, олӣ, хубтар, хуб, қаноатбахш, кофӣ, кам, нокифоя, паст ва*

*пасттар*) ба сифати дониш, малакаву маҳорати хонандагон иборат мебошад. ***Дараҷаи олии он 2 зина(«***аъло» ва «олӣ»***), дараҷаи хуб*** 2 зина («хубтар» ва «хуб»), ***дараҷаи миёна* 3 зина** («қаноатбахш», «кофӣ», «кам») ва ***дараҷаи паст* 3 зина** («нокифоя», «паст» ва «пасттар»)-ро дар бар мегиранд.

Низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дорои бартариҳои зерин мебошад:

**ДАРАҶАИ ОЛӢ**:

**- 10 хол** (зинаи «**аъло**») ҳавасмандӣ, кӯшиши хонандаро барои ноил гардидан ба он ба маротиб зиёд менамояд ва ӯ имконият пайдо мекунад, ки сатҳи дониши назариявӣ ва амалии худро ба таври мунтазам рушд дода, нишондиҳандаҳои онро аз талаботи пурраи барномаи таълимии фанни мушаххас бештар гардонад. Дар раванди омӯзиш хонанда водор мегардад, ки ба ташаккули қобилияти зеҳнии худ ба таври мустақилона мусоидат намояд, аз адабиёти иловагӣ васеъ истифода барад, малакаҳои таҳлилӣ, таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва иртиботии худро дар раванди омӯзиш ва ба таври худомӯзӣ рушд диҳад;

- **9 хол (**зинаи «**олӣ**») хонандаро қадам ба қадам барои азхудкунии маводи назариявӣ ва татбиқи амалии он дар сатҳи пурраи талаботи барномаҳои таълимӣ ҳавасманд менамояд ва ӯ барои ноил гардидан ба ин меъёр дар раванди омӯзиш ҷаҳду талош меварзад. Хонанда ба таври иловагӣ аз баъзе адабиёти таълимӣ, дигар манбаъҳои иттилоотӣ истифода бурда, ҳамкории доимиро бо ҳамсинфон, омӯзгорон дар раванди омӯзиш барқарор менамояд, тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии худро ҳамаҷониба рушд медиҳад ва дар назди худ ба таври устувор мақсади гузариш аз зинаи 9 ба зинаи 10-ро мегузорад.

**ДАРАҶАИ ХУБ**:

- **8** хол (зинаи «**хубтар**») барои баэътиборгирии қобилияти зеҳнию инфиродӣ ва таъмини пешрафти мақсадноки омӯзиши хонанда пешбинӣ гардида, ба рушди ҳамаҷониба, ҳавасмандӣ, кӯшиши ӯ барои тезтар гузаштан аз як зина ба зинаи дигари рушд ба мушоҳида хоҳад расид.

- **7** хол (зинаи «**хуб**») фосилаи на он қадар зиёди байни холҳои ин дараҷа хонандаро ба беҳтар намудани сифати омӯзиш ба таври мустақилона водор месозад. Ӯ дар раванди омӯзиш барои беҳтар намудани пешрафти таълимӣ, рушди салоҳиятҳои асосию фаннӣ, мувофиқ намудани дастовардҳои омӯзишии худ ба меъёрҳои баландтар саҳми муносиб мегузорад.

**ДАРАҶАИ МИЁНА:**

- **6 хол** (зинаи «**қаноатбахш**») шароити мусоид барои тафриқакунонии раванди омӯзиш бо назардошти баэътиборгирии ворид сохтани хонанда ба раванди азхудкунии дониши назариявӣ ва татбиқи амалии он фароҳам меорад ва ӯ саъйу талош ва кӯшиши ноил гардидан ба меъёрҳои навбатии баландтарро дар раванди омӯзиш нишон медиҳад.

- **5 хол** (зинаи **«кофӣ»)** хонанда имкониятҳои мавҷудаи худро ҷиҳати беҳтар намудани дастовардҳои таълимӣ ва татбиқи натиҷаҳои онҳо дар амал истифода намуда, барои гузариши қадам ба қадам ба зинаи навбатии рушд кӯшиш намуда, роҳҳои муваффақиятро дар раванди омӯзиши худ муайян хоҳад кард.

- **4 хол** (зинаи **«кам»)** бо назардошти баэътиборгирии таҳкурсии дониши воқеии назариявӣ ва амалӣ, қобилияти таъмини пешрафти омӯзишӣ хонанда барои рушди ҳамаҷониба, ҳавасмандӣ, кӯшиши ба зинаи дигари рушд гузаштан фаъолияти худро таҳти назорат қарор дода, ҳамкориро дар сатҳи синф истифода мебарад ва ба пешрафти хубтар ноил мегардад.

**ДАРАҶАИ ПАСТ**:

- **3 хол** (зинаи «**нокифоя**») имконияти ворид шуданро ба раванди омӯзиш ҷиҳати азхудкунии бештари маводди назариявӣ ва амалии пешниҳодшуда бо назардошти баэътиборгирии сатҳи омодагии хонанда таъмин намуда, шавқу завқ ва кӯшиши дар кутоҳтарин муҳлат гузариш ба зинаи баландтарро дар ӯ бештар хоҳад кард;

- **2 хол** (зинаи «**паст**») ба воситаи истифодаи мақсадноки меъёрҳои арзёбии зинаи мазкур хонанда пешрафти таълимӣ, рушди малака ва маҳорати худро таҳти назорат қарор дода, гузариш ба дараҷаи миёнаро ба таври худомӯзӣ ва фаъолияти дастаҷамъонаи хонандагони синф таъмин хоҳад кард;

- **1 хол** (зинаи «**пасттар**») имконияти ворид гардиданро ба раванди омӯзиш бо назардошти омодагии воқеии хонанда ба азхудкунии маводди назариявӣ ва амалии пешниҳодшуда фароҳам меорад. Хонанда пешрафти таълимӣ ва рушди малака ва маҳорати худро давра ба давра аз рӯйи ин меъёр таҳти назорат қарор дода, барои гузаштан ба зинаи дигари баҳогузорӣ кӯшиш хоҳад кард;

Нақши ҷадвали баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбӣ барои аз байн бурдани норозигии падару модари хонанда дар мавриди таъмин намудаи арзёбии шаффоф ва воқеии дастовардҳои таълимии фарзандони онҳо назаррас хоҳад буд. Масалан, зимни истифодаи низоми баҳогузории 10-хола ба сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонанда омӯзгор имконияти гузоштани ду холи **дараҷаи олӣ** (10,9-хол), ду холи **дараҷаи хуб** (8 ва 7), се холи **дараҷаи миёна** (6,5,4) ва се холи **дараҷаи паст** (3, 2, 1)-ро пайдо карда, бо назардошти баэътиборгирии имконият, неруи

зеҳнию қобилияти инфиродӣ хонандаро ба раванди фарогирии дониш раҳнамоӣ мекунад. Аз ин имкониятҳо хонанда низ метавонад пурра ва ба таври муназзам истифода барад.

Ҷадвали низоми баҳогузории 10-хола барои аз байн бурдани мушкилоти миқдори зиёди хонандагон, баҳсҳои мунтазами натиҷаҳои пасти низоми баҳогузории 5-хола, баланд бардоштани, ҳавасамандии хонандагон ба омӯзиши босифат ва комёб гардидан ба натиҷаҳои нисбатан комилтар (гузариш аз дараҷа ва зинаҳои паст ба дараҷа ва зинаҳои нисбатан баландтар) саҳми назаррас хоҳад дошт.

Шарҳу тафсири дақиқи ҳар як нишондиҳандаҳои арзёбии (сифатию инъикоси рақамии он) дараҷаҳо ва зинаҳои ҷадвали низоми баҳогузорӣ 10-хола ва меъёрҳои арзёбии он барои ҳар як синф ва фанни таълимӣ тибқи талаботи стандарти фаннӣ, барномаи таълимӣ ва пешниҳоди он ба омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон, татбиқи васеъ ва шаффофи он дар раванди баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои таълимии хонандагон яке аз бартарии он шуморида хоҳад шуд.

Ҷадвали баҳогузории 10-хола заминаи устуворро барои таъмини фазои мусоиди равонӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои харобкунандаи асаби кӯдак дар ҷараёни арзёбӣ бунёд сохта, дар муайян намудаи тағйирот дар пешрафти таълимӣ ва рушди салоҳиятҳои хонанда, муқоисаи мувофиқати дастовардҳои ҳар як хонанда бо натиҷаҳои чашмдошт ва банақшагирии бартараф намудани мушкилоти муайяншуда бунёд месозад.

Ҷадвали 4

**6. ҶАДВАЛИ**
**МЕЪЁРҲОИ НАМУНАВИИ АРЗЁБӢ (ШИФОҲӢ)-И САТҲИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 2-5**

| Дараҷаҳо | Хол (баҳо) | Меъёрҳои азхудкунии маводи таълимӣ | %-и пешрафт |
|---|---|---|---|
| *ДАРАҶАИ ОЛӢ*<br><br>*АЪЛО* | 10 | **ХОНАНДА:**<br>- азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро дар сатҳи фанни таълимӣ бештар аз талаботи барномаи таълимӣ намоиш медиҳад;<br>-дар раванди омӯзиш фикру идеяҳои дурустро пешниҳод мекунад ва тавассути муқоиса, таҳлил, хулоса ва қабули қарорҳои дуруст мушкилоти иҷрои супоришро дар вазъияти маъмул ва ғайримаъмул пурра бартараф месозад;<br>- малакаҳои эҷодӣ, таҳлилӣ, таҳқиқотӣ ва | 91-100 % |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ***ОЛӢ*** | | иртиботии худро рушд медиҳад,<br>- аз адабиёти иловагӣ васеъ истифода мебарад, ба ягон хато роҳ намедиҳад. | |
| | 9 | - азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро пурра дар сатҳи талаботи барномаҳои таълимӣ нишон медиҳад;<br>- малака ва маҳорати истифодаи воситаҳои айёнӣ, ҷадвал, нақшаҳо, диаграммаҳоро дар раванди омӯзиш пурра ва маҳорати муаррифӣ намудани маводи таълимиро мустақилона намоиш медиҳад;<br>- тарзи баёнаш мураттаб буда, меъёри забони адабиро асосан риоя мекунад.<br>- ба хатои андаки ҷузъӣ роҳ медиҳад, онро мустақилона ислоҳ мекунад. | 81-90% |
| ***ДАРАҶАИ ХУБ***<br><br>***ХУБТАР*** | 8 | - азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро қариб пурра нишон медиҳад;<br>- малака ва маҳорати амалии истифодаи воситаҳои айёнӣ, ҷадвал, нақшаҳоро дар раванди пешниҳоди ҷавобҳо асосан дуруст намоиш медиҳад;<br>- сабабҳои монандӣ ва фарқияти маводди таълимиро қариб дар ҳаҷми пурра ва дуруст муқоиса ва номбар мекунад. | 71-80 % |
| ***ХУБ*** | 7 | - мазмун ва хусусияти аксари маводди назариявӣ ва амалии таълимро асосан аз худ мекунад, далелҳоро дар исботи фикр бо кумаки андаки омӯзгор пешниҳод месозад;<br>- мустақилона дар вазъиятҳои шинос ва ношинос (ғайристандартӣ) дониш, малака ва маҳорати амалии худро бештар аз ҳадди ақали талаботи барномаҳои таълимӣ нишон медиҳад;<br>- пайдарпайии иҷрои супоришҳои таълимии муқаррариро асосан риоя мекунад. | 61- 70% |
| ***ДАРАҶАИ МИЁНА***<br><br>***ҚАНОАТБАХШ*** | 6 | - азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро дар сатҳи ҳадди ақали талаботи барномаи таълимӣ нишон медиҳад, дар исботи фикр баъзе далелҳоро пурра пешниҳод намекунад;<br>- мазмуни маводди омӯхтаро дар сатҳи умумӣ баён карда, баъзе хулосаи худро | 51-60 % |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | қисман таҳлил ва ҷамъбаст мекунад;<br>- баъзе мулоҳизаҳои худро асоснок мекунад, вале дар пешниҳод кардани мисолҳо душворӣ мекашад. | |
| ***КОФӢ*** | 5 | - азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро дар сатҳи умумӣ бо баъзе душвориҳо нишон медиҳад, дар исботи фикру андеша далелҳои алоҳидаро дар ҳаҷми нопурра пешниҳод мекунад;<br>- дар шарҳи мафҳум, маънидоди қоида ғалат содир мекунад ва тарзи баёнаш номураттабу нобоварона мебошад. | 41- 50 % |
| ***КАМ*** | 4 | - мазмуни қисмҳои матн, қоидаҳо, таърифҳо, формулаҳо, қонунҳо ва ғайраро камтар аз ҳадди ақали талаботи барномаи таълим аз худ мекунад;<br>- хусусиятҳои маводди омӯхташударо пай дар пай баён мекунад. | 31- 40% |
| ***ДАРАҶАИ ПАСТ***<br><br>***НОКИФОЯ*** | 3 | - маводди назариявии таълимиро бо кумаки омӯзгор дар ҳаҷми нокифоя аз худ мекунад, вале дар амал онҳоро татбиқ карда наметавонад;<br>- ба хатоҳои зиёди ҷиддӣ ва ҷузъӣ роҳ медиҳад | 21- 30% |
| ***ҒАЙРИ-ҚАНОАТБАХШ*** | 2 | -азхудкунииии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро дар сатҳи паст нишон дода, ба хатоҳои ҷиддӣ ва ҷузъии зиёд роҳ медиҳад;<br>- захираи маҳдуди луғавӣ дорад. | 11-20 % |
| ***ПАСТ*** | 1 | - азхудкунии маводди назариявӣ ва татбиқи амалии онро дар пасттарин ҳаҷм ҳам таъмин карда наметавонад. | 1 – 10 % |

**7. САВОЛНОМАҲОИ ТЕСТӢ**

31. Барои гузаронидани тест саволҳои гуногун вобаста ба мавзуъҳои омӯхташуда аз тарафи омӯзгор, шуро ё иттиҳодияҳои методӣ дар асоси талаботи стандартҳои фаннию барномаҳои таълимии фан ва синфи мушаххас пешниҳод карда мешаванд.

32. Ҳангоми супоридани санҷишҳои тестӣ ба хонанда барои тасдиқи сатҳи рушди салоҳиятҳои таълимию тарбиявӣ ва барқарор намудани холҳои бо сабаби гуногун дар раванди таълим аздастдодааш имконият фароҳам оварда мешавад.

33. Барои ҷавоб додан ба як саволи тестӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ аз 1 то 1,5 дақиқа ва барои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз 2 то 3 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

34. Барои ҷавоб ба ҳар як саволи тестӣ холҳо ин таври муайян карда мешаванд: барои ҷавоби дуруст ба тести пӯшида 1 хол; тести кушода 2 хол; тести мувофиқоварӣ 4 хол (барои мувофиқ омадани ҳар як ҷавоб 2 хол).

35. Барои ҷавоби нодуруст хол гузошта намешавад.

## 8. ТАРТИБИ ҶАМЪБАСТ НАМУДАНИ НАТИҶАҲОИ БАҲОДИҲӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН

36. Натиҷаи арзёбиҳои ташаккулдиҳанда тибқи тартиби муқарраргардида (арзёбии ҷорӣ) ҷамъбаст карда шуда, дар журнали синфӣ ва рӯзномаи хонанда қайд карда мешавад.

$$\text{Ат} = \frac{\text{АТ}_1 + \text{АТ}_2 + \ldots + \text{АТ}_n}{n}. \qquad (1)^*$$

Дар ин ҷо, (1)* **-** формулаи ҳисобкунии арзёбии ташаккулдиҳанда **АТ** аз рӯйи мавзуъҳои таълимӣ дар давоми чоряк;

$\text{АТ}_1$ - *арзёбии ташаккулдиҳандаи* 1*;*

$\text{АТ}_2$ - *арзёбии ташаккулдиҳандаи* 2*;*

$\text{АТ}_n$ - *арзёбии ташаккулдиҳандаи* n- ум,

n - *шумораи арзёбиҳо дар давоми чоряк.*

**37. Арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ (АҶМ)** (натиҷаи санҷишҳои шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои лабораторӣ, амалӣ, тестӣ) баъди анҷом додани омӯзиши мавзуъҳои калонҳаҷм – боб ва фаслҳои барномаҳои таълимӣ, дар давоми ҳар як чоряк тибқи талаботи барномаи таълимӣ ва тартиби муқарраргардида аз тарафи омӯзгор ҷамъбаст ва натиҷаи он дар журнали синфӣ қайд карда мешавад.

38. Агар аз фанҳои таълимие, ки гузаронидани арзёбиҳои ҷамъбастии марҳилавӣ пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ натиҷаи арзёбиҳои чорякӣ, нимсола ва ё солонаи чунин фанҳои таълимӣ аз рӯйи баҳои миёнаи арифметикии арзёбии ташаккулдиҳанда дар давоми чоряк, нимсола ва солона тибқи тартиби муқарраргардида ҳисоб карда мешавад.

39. Натиҷаи арзёбиҳои ҷамъбастии ниҳоӣ дар охири чоряк, нимсола ва солона аз рӯйи натиҷаи холҳои арзёбиҳои ташаккулдиҳанда, фосилавӣ (натиҷаҳои арзёбии санҷишии шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои лабораторӣ, амалӣ, тестӣ ва ғайра) дар давоми чоряк, нимсола ва солонаи бадастовардаи хонанда дар ҳар як марҳилаи соли таҳсил тибқи

талаботи барномаи таълимӣ ва тартиби муқарраргардида аз ҷониби омӯзгор ҳисоб карда мешавад.

40. Арзёбии ҷамъбастии чорякӣ (АҶЧ1), аз рӯйи натиҷаи холҳои арзёбиҳои ташаккулдиҳанда АТ ва АҶМ-арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ (натиҷаи арзёбиҳои санҷишии шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои лабораторӣ, амалӣ, тестӣ тибқи талаботи барномаи таълимӣ) дар охири ҳар як чоряк аз рӯйи тартиби муқарраргардида бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

**$АҶЧ_1$ = (АТ +АҶМ) : 2,** (2)*.

Дар ин ҷо, (2)* - формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбасти чоряки 1.

$АҶЧ_1$ - *арзёбии ҷамъбасти чоряки 1;*

АТ - *арзёбии ташаккулдиҳанда;*

**АҶМ** - *арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ.*

Арзёбии ҷамъбастии чоряки 2 низ ҳамин тавр ҳисоб карда мешавад:

**$АҶЧ_2$ = (АТ + АҶФ) : 2** (3) ***.**

Дар ин ҷо (3)* - формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбасти чоряки 2.

Арзёбиҳои ҷамъбасти чорякҳои 3 ва 4 ҳам ҳамин тавр ҳисоб карда мешаванд.

**Арзёбии ҷамъбасти нимсолаи якум ($АҶН_1$)** дар асоси натиҷаҳои арзёбиҳои ҷамъбасти чорякҳои 1 ва 2 мувофиқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

**$АҶН_1$ = ($АҶЧ_1$+ $АҶЧ_2$) :2** , (4)*.

Дар ин ҷо, (4)* **-** формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбасти нимсолаи 1;

$АҶН_1$ – *арзёбии ҷамъбасти нимсолаи* 1;

$АҶЧ_1$ - *арзёбии ҷамъбасти чоряки* 1;

$АҶЧ_2$ –*арзёбии ҷамъбасти чоряки* 2.

**Арзёбии ҷамъбастии нимсолаи дуюм ($АҶН_2$)** низ ҳамин тавр ҳисоб карда мешавад:

**$АҶН_2$ =** ($АҶЧ_3$+ $АҶЧ_4$) : 2 **(5)*.**

Дар ин ҷо, (5)* **-** формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбасти нимсолаи 2;

$АҶН_2$ - *арзёбии ҷамъбасти нимсолаи* 2;

$АҶЧ_3$ - *арзёбии ҷамъбасти чоряки* 3;

$АҶЧ_4$ –*арзёбии ҷамъбасти чоряки* 4.

41. Холи арзёбии аттестатсия **($AA_т$)** дар асоси натиҷаи арзёбии фанни ба аттестатсия пешниҳодшуда тибқи тартиби муқарраргардида муайян мегардад.

42. Арзёбии ҷамъбастии солона (**АС**)-и хонандагони синфҳои II-XI аз фанҳои таълимие, ки ба аттестатсия пешниҳод нашудаанд, аз рӯйи натиҷаҳои холҳои ҷамъбасти нимсолаҳои 1 ва 2 ҳамчун баҳои миёнаи арифметикӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{АС = (АҶН_1 + АҶН_2) : 2, \quad (6)^*}$$

Дар ин ҷо, (6)* - формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбасти дониши солонаи хонандагони синфҳои II- XI ва арзёбии фанҳои таълимие, ки аз онҳо санҷиши аттестатсия пешбинӣ нашудааст (синфҳои IV-XI):

АС - *арзёбии солона*;

$АҶН_1$- *арзёбии ҷамъбасти нимсолаи* 1;

$АҶН_2$ - *арзёбии ҷамъбасти нимсолаи* 2.

43. Арзёбии ҷамъбасти солонаи хонандагони синфҳои IV-XI, ки аз аттестатсия мегузаранд, холи миёнаи арифметикӣ аз рӯйи натиҷаи арзёбии ҷамъбасти солона ва арзёбии аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$АҶС = \frac{АС + АА_т}{2}. \quad \mathbf{(7)^*}$$

Дар ин ҷо, (7)* - формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбастии сатҳи дониши солонаи хонандагони синфҳое (синфҳои IV-XI), ки аз аттестатсия мегузаранд;

АҶС – *арзёбии ҷамъбасти солона;*

АС – *арзёбии солона;*

$АА_т$ – *арзёбии аттестатсия.*

***Эзоҳ:*** Агар аз як фанни таълимӣ ду аттестатсия (хаттӣ ва шифоҳӣ) гузаронида шавад, он гоҳ холи ҷамъбастӣ гузошта шуда, арзёбии ҷамъбастии солона аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{АҶС} = \frac{АС + АА_{тх} + АА_{тш}}{3}, \quad (8)^*$$

Дар ин ҷо, (8)* - формулаи ҳисобкунии арзёбии ҷамъбастии солонаи ду аттестатсия аз як фан (шифоҳӣ ва хаттӣ);

АҶС– *арзёбии ҷамъбасти солона;*

АС – *арзёбии солона;*

$АА_{тх}$ – *арзёбии аттестатсияи хаттӣ;*

$АА_{тш}$ – *арзёбии аттестатсияи шифоҳӣ.*

## 9. ТАРТИБИ ҚАЙДҲО ДАР ЖУРНАЛИ СИНФӢ ВА РӮЗНОМАИ ХОНАНДА

44. Қайд намудани натиҷаи арзёбии низоми баҳогузории 10-хола дар журнали синфӣ ва рӯзномаи хонанда тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ карда мешавад.

## 10 . ОМОДА КАРДАНИ ПАДАРУ МОДАРОН, ХОНАНДАГОН БА ҶОРӢ НАМУДАНИ НИЗОМИ 10-ХОЛАИ БАҲОГУЗОРӢ ВА МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБӢ

45. Самти фаъолияти муҳимми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзгорони онҳо дар давраи гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола кори фаҳмондадиҳӣ ба падару модарон ва хонандагон ба ҳисоб меравад.

46. *Падару модарон.* Шинос намудани волидони хонандагон бо мазмуни Низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои таълимию тарбиявии хонандагон ва бартариҳои он аз низоми 5-холаи баҳогузорӣ аз афзалиятҳои дастури мазкур мебошад.

Амалӣ намудани низоми баҳогузории 10-хола дар муассисаҳои таълимӣ масъулияти падару модаронро барои назорат кардани фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии фарзандонашон бештар мегардонад. Онҳо бештар дарк хоҳанд кард, ки тавассути низом ва меъёрҳои нави арзёбӣ нишондиҳандаҳои дастовардҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, бартариҳои сифати омӯзиши фарзанди онҳо дар муқоиса бо низоми баҳогузории 5-хола беҳтар хоҳанд гардид.

Ҳамчунин, падару модарон дарк хоҳанд кард, ки назорати иҷрои доимии супоришҳои синфию хонагӣ аз тарафи фарзандонашон дар низоми баҳогузории 10-хола ба пешрафт ва рушди камолоти маънавии онҳо таъсири бештаре мегузорад.

Бинобар ин, падару модаронро зарур аст, ки масъулияти худро нисбат ба фарогирии дониши фарзндонашон тибқи талаботи Низоми баҳогузории 10-хола бештар намоянд.

47. Дарки бартариҳои низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбӣ бо мақсади бештар ноил гардидан ба натиҷаҳои баландтари таълимӣ, аз ҷумла тавассути ҳавасманд гардонидани фарзандон ба худомӯзию худташаккулдиҳӣ масъулияти падару модарон ва таваҷҷуҳи онҳоро ба риояи низом ва меъёрҳои арзёбии мазкур ба маротиб зиёд хоҳад кард. Падару модарон дар раванди татбиқи Низоми баҳогузории 10-хола, зарурат ва муҳиммияти интихоб ва самараи истифодаи онро дар бартарафсозии мушкилоти асосии омӯзиш, таълиму тарбияи фарзандони худ дарк хоҳанд кард.

48. Омӯзгор ва падару модаронро зарур аст, ки хонандагон ва фарзандони худро барои баҳогузории 10-хола омода намоянд. Зеро Низоми мазкур ҳамчун падидаи нави баҳогузорӣ диққатро ба худ ҷалб

мекунад ва бисёр муҳим аст, ки омӯзгорон аз оғози амалӣ намудани он ба таври воқеӣ ва дақиқ аз он истифода намуда, меъёрҳои онро қатъиян риоя карда, ба аз меъёр зиёд гузоштани баҳо роҳ надиҳанд.

49. *Хонанда.* Самараи натиҷабахши низоми баҳогузории 10-холаро хонанда дар муқоиса бо низоми арзёбии 5-хола, ки ба он одат кардааст, рӯз ба рӯз  хуб дарк хоҳад кард. Агар хонанда бартариҳои низоми нави баҳогузориро дар муқоиса бо меъёрҳои 5-хола ба таври дуруст, фаҳмо ва мувофиқ ба синну солаш дарк намояд, ҳавасмандии ӯ ба фарогирии дониш бештар хоҳад шуд.

50. Ҳангоми баҳогузории 10-хола хонанда мувофиқи қобилият ва имкониятҳои омӯзишии худ барои азхудкунии маводи назариявӣ ва татбиқи амалии он саъйу талош варзида, батадриҷ дарк хоҳад кард, ки мушкилоти мавҷудаи ӯ дар раванди омӯзиш бартараф хоҳад шуд. Зеро ҳар як хонанда соҳиби нерую тавоноии хоси фарогирии дониш буда, пешрафти таълимии худро дар раванди истифодаи низоми баҳогузории 10-хола қадам ба қадам беҳтар хоҳад кард.